# ХУЛОСАИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Парвандаи аттестатсионии №__**
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 26-уми ноябри соли 2020, №16**

Барои сазовор донистани Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф»» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ рӯзи 11 августи соли 2020 (қарори №5) аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-22 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Фармоиши комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2020, №61) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Атоев Муҳаммадиқбол 13-уми декабри соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Айни ҳол дар вазифаи муовини сардори шуъбаи мабтуоти дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессор **Муродӣ Мурод Бердӣ**.

**Муқарризони расмӣ:**
1. **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва Тоҷикистон;
2. **Маъмурзода Носирҷони Маъмур** – номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи иттилоотию таҳлилии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», дар тақризи мусбати худ, ки аз мудири кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Холиқова Зайналбӣ Кенҷаевна имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, профессор Мирализода Абдусалом Мустафо тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол дар мавзӯи **«Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф»»** бо навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Атоев Муҳаммадиқбол сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи журналистика ва публитсистикаи тоҷик буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок намуда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**I. Маҷаллаҳои тасдиқнамудаи КОА ҶТ**

[1-А]. Атоев М. Андешаҳои ҷадид доир ба заминаҳои нашри рӯзномаи «Бухорои шариф» / М. Атоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №6. – С. 289-293.

[2-А]. Хусусиятҳои шаклию ороишии «Бухорои шариф» / М. Атоев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2018.– №4 (63). – С. 207-215.

[3-А]. Муколама ҳамчун омили пайдоиши мусоҳибаи матбуотӣ (дар мисоли маводи рӯзномаи «Бухорои шариф») / М. Атоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. – №5-1(77). – С. 242-245.

[4-А]. Ташаккули жанри хабар дар рӯзномаи «Бухорои шариф» / М. Атоев // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ.– 2019.– №1.– С.207-211.

[5-А]. Ташаккули жанри мақола дар рӯзномаи «Бухорои шариф» / М. Атоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– 2019.– №4.– С.288-292.

**II. Маҷалла ва маҷмӯаҳои илмии дигар**

[6-А]. Атоев, М. Рӯзи матбуоти тоҷик / https://parlament.tj/news/30-11-marta-den-tadzhikskoj-pressy. Душанбе, 2019. 11 март.

[7-А]. Атозода, М. «Бухорои шариф» ва ташаккули жанрҳои публитсистика / М. Атозода // Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. Душанбе, 2020. – 68 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Доктори илми таърих, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода ва доктори илмҳои филологӣ, профеессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Солеҳов Шамсиддин дар робита ба автореферати диссертатсия зикр намудаанд, ки: Ба таври куллӣ рисолаи М. Атоев дар таҳқиқи таърихи матбуоти тоҷик, хосса муайяну мушаххас намудани мақоми нахустин рӯзномаи тоҷикӣ – «Бухорои шариф» дар инкишофи журналистика ва публитсистикаи миллӣ дар оғози садаи XX, саҳифаи тоза мебошад. Дар баробари ин, дар боби аввали рисола омилҳои сиёсии қатъи нашри рӯзномаро ба таври дақиқтар ва мушаххастар бояд баён намуд ва дар боби дуюм ба саҳму нақши муаллифони доимии рӯзнома, аз ҷумла равшанфикрони ҳамондавра, дар нашри он камтар аҳамият дода шудааст.
2. Номзади илми филология, ходими пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Абдухолиқ Набиев эрод гирифтааст, ки дар диссертатсия ғалатҳои истилоҳотӣ, имлоӣ ва техникӣ ҷой дорад.
3. Номзади илмҳои филологӣ ва муаллими калони кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Бобоҷонова Мутриба Султоновна ба автореферати диссертатсия эродҳои худро чунин баён намудааст: автореферати диссертатсия аз ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ орӣ нест.
4. Номзади илми таърих, дотсенти кафедраи этнополитологияи факултети сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Санк-Петербург Андреев Артем Алексеевич андешаи худ доир ба автореферати диссертатсияро чунин баён намудааст: Тадқиқоти М.И. Атоев на он қадар ба мундариҷа, балки асосан ба таҳлили рушди сохти жанрӣ ва хусусиятҳои нашрия бахшида шудааст.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эродҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд**, ки Атоев Муҳамадиқбол дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

– ба заминаҳои гуногуни пайдоиши нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» **равшанӣ андохтааст**;

– вазъи иҷтимоию сиёсии давр, таъсиси «Бухорои шариф» ва ташкили фаъолияти онро **нишон додааст**;

– сохтори нашрияро бо назардошти шаклу намо, рубрикаву сарлавҳаҳо, истифодаи ҳуруф, эълону реклама, тасвиру сурат ва вижагиҳои дигари рӯзномасозӣ **таҳлилу арзёбӣ намудааст;**

– омилҳои таъсиррасон дар зуҳур ва ташаккули аломатҳои жанрҳои публитсистӣ ва тарзи истифодаи онҳо дар рӯзномаро **ошкор намудааст**;

– раванди шаклгирии жанрҳои ахбориву таҳлилиро дар «Бухорои шариф» **нишон додааст;**

– тариқи таҳлилу баррасиҳои илмӣ аносири жанрҳои публитсистию бадеӣ ва таносуби онҳоро дар рӯзнома **мушаххас намудааст**;

– омилҳои аз чоп бозмондани рӯзнома, вазъи молиявӣ, бухрони фикрӣ ва ақидавӣ миёни муассисон ва муҳарриронро **нишон додааст;**

– дар такя ба шумораҳои электронии нашрия теъдоди рақамҳои нашршудаи рӯзнома ва шумораи дастрасбудаи нахустрӯзномаро **муайян кардааст.**

– таҳқиқоти мазкур дар илми публитсистикаи тоҷик бори аввал **коркард шудааст.**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия ва пажӯҳишу ковишҳои таҳқиқот донишҳои назарии публитсистикашиносиро такмил намуда, ҳангоми навиштани мақолаҳо, барномаҳои таълимӣ, таълифи рисолаҳои илмӣ, баррасии паҳлуҳои ҷудогонаи таърихи матбуоти тоҷик ва публитсистика, таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба таҳаввул ва инкишофи жанрҳои публитсистӣ дар замони муосир истифода шуда метавонад.

**Исбот шудааст, ки** диссертатсия дар омӯзиши таърихи матбуоти тоҷик, назарияи жанрҳои публитсистика ва махсусан ташаккули жанрҳои матбуотӣ, судманд аст.

Дар диссертатсия осори назарии донишмандони маъруфи соҳаи рӯзноманигорӣ, хоса назарияи жанрҳои публитсистика Е.П. Прохоров, В. Учёнова, М.С. Черепахов, В.М. Горохов, В. Ворошилов, М.Н Ким, А.А. Тертичный, И.К. Усмонов, А.Н. Нуралиев, А.С. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, Н. Солеҳов, Ҷ. Саъдуллоев, А. Азимов, М. Муродов, Ҷ. Муқимов, М. Абдуллозода, Ш. Муллоев ва дигарон **омӯхта шудаанд.**

Дар диссертатсия методҳои таҳлили анъанавӣ ва муқоисавӣ истифода шуда, матни рӯзнома бо назардошти хусусиятҳои жанрӣ бевосита таҳлили сифативу миқдорӣ (контентӣ) шудааст. Ҳамзамон, усулҳои таҳқиқи таърихӣ, шарҳу тафсири илмӣ ва оморӣ ба кор рафтааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** натиҷаҳои таҳқиқ дар раванди таълими фанҳои таърихи журналистикаи тоҷик, асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, навиштани китобҳои дарсӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ, омода намудани курсу семинарҳои махсус дар факултету шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд мавриди истифода қарор гирад. Ҳамчунин, маводи

диссертатсия барои журналистону публитсистон дар раванди фаъолияти касбӣ хизмат расонида метавонад.

**Саҳми фардии** муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 3 сол дар баробари фаъолияти давлатӣ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таҳлилу баррасии осори публитсистӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ба гурӯҳҳои муайян машғул гардида, дар ин самт мақолаҳои илмӣ ва публитсистии зиёдеро таълиф намуда, дар конфронсҳои сатҳи гуногун маърӯзаҳо кардааст.

Унвонҷӯ муаллифи як маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ва 7 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди ДМТ рӯзи 26. 11.2020 дар бораи ба Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович додани дараҷаи илмии номзади илми филологӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. Аз 20 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда, овоз доданд: тарафдор 15 нафар, муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Раҷабов Ҳ.**

**Котиби илмии Шӯрои**
**диссертатсионӣ, номзади**
**илмҳои филологӣ, дотсент** **Гулназарова Ж. Б.**